Бо фармоиши Ваколатдор
оид ба ҳуқуқи инсон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «04» июли соли 2017
ТАСДИҚ ШУДААСТ

# ДАСТУРАМАЛИ
тартиби баррасиии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дастурамали мазкур тартиби ягонаи баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ, баррасӣ ва ҳалли муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё намояндагони онҳоро нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Ҷамоат), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ё санадҳои онҳо дар бораи вайрон карда шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда муқаррар гардидаанд ва кормандоне, ки баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вазифаҳои хизматиашон дохил мешаванд (минбаъд - кормандони Дастгоҳ), муайян мекунад.

1.2. Кор бо муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Тартиби баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамали мазкур танзим менамояд.

1.3. Дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон баррасӣ карда мешаванд.

1.4. Мафҳумҳои асосӣ:

- муроҷиатҳо – ариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод шудаанд;
- ариза – хоҳиш дар бораи мусоидат намудан ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар ё пешниҳод намудани маълумот дар бораи вайрон

кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, норасоиҳо дар фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор ё танқиди фаъолияти шахсони мансабдор, роҳбарон ва кормандони мақомоту ташкилоти дахлдор;

- дархост – хоҳиш дар бораи аз ҷониби шахси ваколатдор дар доираи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани амали муайян барои қонеъ намудани талаботи муроҷиаткунанда;

- таклиф – тавсия оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, беҳгардонии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои фаъолияти давлат ва ҳаёти ҷомеа;

- шикоят – изҳори норозигӣ нисбат ба амали (беамалии) шахсони мансабдор, роҳбарон ва шахсони ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор ҷиҳати ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳо ё манфиати қонунии вайронгардидаи худ ё шахсони дигар;

- муроҷиаткунанда – шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё намояндаи қонунии ӯ, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар муроҷиат намудааст;

- муроҷиати электронӣ – муроҷиате, ки ба суроғаи расмии почтаи электронии мақомоту ташкилоти дахлдор ворид гардидааст ё дар сомонаи расмии мақомоту ташкилоти дахлдор дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шудааст;

- муроҷиати шифоҳӣ – муроҷиате, ки зимни қабули шахсӣ ба шахси мансабдор ё ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор изҳор гардидааст ё тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) баён шудааст;

- муроҷиат тавассути воситаҳои ахбори омма – муроҷиати дар матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма вобаста ба фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор нашр ё тавассути воситаи ахбори омма паҳнгардида;

- муроҷиати дастҷамъона – муроҷиати ду ва зиёда шахсон ё аз номи гурӯҳи шаҳрвандон пешниҳодгардида;

- муроҷиати такрорӣ – муроҷиати хаттӣ, шифоҳӣ ё электронии такрорӣ ба ҳамон як мақомоту ташкилот, ки дорои далелҳои нав намебошад, бо зикри масъалаҳое, ки доир ба онҳо вобаста ба муроҷиати қаблӣ моҳиятан ҷавоб гардонида шудааст ва дар муроҷиати навбатӣ ваҷҳ ё ҳолатҳои нав оварда нашудаанд;

- шахсони баррасикунандаи муроҷиат – шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдори мақомоту ташкилоти дахлдор, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муроҷиатҳоро моҳиятан баррасӣ менамоянд;

1.5. Мазмуни шикоят.

Дар шикоят бояд насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, имзо (имзои электронии рақамӣ) ва суроғаи муроҷиаткунанда, маълумот дар бораи

суроғаи маҳалли истиқомат ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ ва суроғаи маҳалли ҷойгиршавии он, номи мақомот ё шахси мансабдоре, ки нисбати қарор ё амали (беамалии) он шикоят карда мешавад, моҳияти қарор ё амале (беамалие), ки ба фикри муроҷиаткунанда ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳояшро вайрон намудааст ё вайрон мекунад, дарҷ ёфта бошад. Нусхаҳои қарорҳое, ки аз рӯи шикояти ба таври судӣ ё маъмурӣ баррасишуда қабул гардидаанд, бояд ба шикоят замима карда шаванд.

Шикояте, ки дар он маълумоти кофӣ оид ба моҳияти масъала ва нусхаи ҳуҷҷатҳо вуҷуд надоранд, ба муроҷиаткунанда баргардонида шуда, ба вай зарурати илова намудани маълумотҳои дахлдор фаҳмонда мешавад.

Ҳангоми ворид шудани муроҷиатҳо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲИ) ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲК) масъалаи барои баррасӣ қабул кардани онҳоро ҳал менамоянд ё онҳоро бо назардошти тааллуқдориашон ба салоҳияти дигар мақомот ба онҳо мефиристанд. Асоси фиристодан ба мақомоти дигар дар мактуби ҳамроҳикунанда, ки ба он ВҲИ ва ВҲК имзо мегузоранд, нишон дода мешавад.

1.6. Муроҷиати ба ВҲИ ва ВҲК фиристодаи шахсоне, ки дар ҷойҳои боздошт, ҳабси пешакӣ ва дигар ҷойҳои маҳдуд намудани озодӣ қарор доранд махфӣ буда, кушодан ва сензураи он аз ҷониби маъмурияти ин муассисаҳо манъ аст. Маъмурияти ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ бояд фавран, вале на дертар аз 24 соат, чунин муроҷиатҳоро ба ВҲИ ва ВҲК фиристанд.

1.7. Ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи вайронкуниҳои оммавӣ ва дағалонаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ё дар мавридҳое, ки чунин вайронкуниҳо аҳамияти махсуси ҷамъиятӣ доранд ё бо зарурати ҳифзи манфиатҳои шахсоне алоқаманд мебошанд, ки худашон мустақилона аз воситаҳои ҳуқуқии ҳимоя истифода бурда наметавонанд, ВҲИ ва ВҲК метавонанд бахри ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон бо ташаббуси худ масъаларо барои баррасӣ қабул намоянд.

1.8. Субъектҳои муроҷиат

Ба ВҲИ ва ВҲК инҳо муроҷиат карда метавонанд:

- ҷабрдидагони эҳтимолии вайронкунии ҳуқуқҳои инсон - шахсони воқеӣ, ки ҳуқуқу озодиҳояшон дар натиҷаи амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Ҷамоат), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ё санадҳои онҳо вайрон гардидаанд;

- намояндагони ҷабрдидагони эҳтимолии вайронкунии ҳуқуқҳои инсон – адвокатҳо дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ваколаташон, инчунин шахсони дигар дар сурати мавҷуд будани ваколатнома;

- намояндагони қонунӣ (падару модар, ба фарзанд қабулкардагон), васиён ва парасторон ё мақомоти ваколатдор - аз ном ва ба манфиати ноболиғон, шахсони ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд;

- намояндагони ваколатдори шахсони ҳуқуқӣ;

- дар мавридҳои пешбининамудаи қисми 1.6 ҳамин Дастуруламал, намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ВАО ва ташкилотҳои дигар, сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин шаҳрвандони алоҳида дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ хабар дода метавонанд.

1.9. Муҳлатҳои муроҷиат

Шикоят ба ВҲИ ва ВҲК дар давоми як (се) сол аз лаҳзаи вайрон карда шудани ҳуқуқу озодиҳои муроҷиаткунанда ё аз ҳамон рӯзе, ки ба муроҷиаткунанда вайрон гардидани ҳуқуқҳояш маълум шудааст, пешниҳод карда мешавад. Ҳисоб кардани муҳлати яксолаи пешниҳод намудани шикоят оғоз меёбад:

- агар нисбати амалҳо ба таври маъмурӣ шикоят пешниҳод шуда бошад – аз лаҳзаи гирифтани қарори мақомоти маъмурӣ ва розӣ нашудан бо қароре, ки нисбати шикояти ӯ қабул шудааст;

- агар нисбати амалҳо ба таври судӣ шикоят пешниҳод шуда бошад – аз лаҳзаи гирифтани қарори суди зинаи назоратӣ ва розӣ нашудан бо қароре, ки нисбати шикояти ӯ қабул шудааст;

- дар мавридҳои дигар - аз лаҳзаи вайрон карда шудани ҳуқуқу озодиҳои асосии муроҷиаткунанда ё аз ҳамон рӯзе, ки вайрон карда шудани ҳуқуқҳояш ба вай маълум гаштааст.

1.10. Муроҷиатҳо дар мавридҳои зерин барои баррасӣ қабул карда намешаванд ва бо имзои ВҲИ ва ВҲК ба муаллифон баргардонида мешаванд:

- муроҷиатҳои хаттӣ ва электроние, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, маълумот дар бораи суроғаи маҳалли истиқомат ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ ва суроғаи маҳалли ҷойгиршавии он зикр нашудаанд ё хато нишон дода шудаанд, инчунин бе имзо (имзои электронии рақамӣ) пешниҳод шудаанд, муроҷиатҳои беном дониста шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд, ба истиснои онҳое, ки онҳо дорои маълумот оид ба тайёрӣ барои содир кардани ҷиноят ё ҷинояти содиршуда мебошанд (ғайр аз мавридҳое, ки дар қисми 1.6. Дастурамали мазкур пешбинӣ гардидаанд);

- агар дар муроҷиат вайрон карда шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон зикр нагардида бошад;

- агар хондани матни муроҷиатҳои хаттӣ ғайриимкон бошад, ба чунин муроҷиатҳо посух дода намешавад ва дар ин хусус дар муҳлати се рӯз аз рӯзи ба қайд гирифтани муроҷиат ба муроҷиаткунандае, ки муроҷиатро ирсол намудааст, дар сурати хонда шудани ному насаб ва суроғаи маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавӣ хабар дода мешавад.

- агар муроҷиат такрорӣ бошад, яъне муроҷиати зикргардида ва муроҷиати қаблӣ ба ҳамон як мақомоту ташкилоти дахлдор бо ҳамон як муҳтаво ирсол шуда, натиҷаҳои санҷиши мукаммал мавҷуд бошад.

- агар дар мурочиатҳо моҳияти таклифҳо, аризаҳо ё шикоятҳои ба салоҳияти ВҲИ ва ВҲК дахлдошта, маълумоти кофӣ ва нусхаи ҳуҷҷатҳо барои ҳал кардани онҳо мавҷуд набошанд;

- агар шикоят ба ВҲИ ва ВҲК баъди гузаштани муҳлатҳои дар қисми ҳамин Дастурамал пешбинишуда пешниҳод шуда бошад;

- шикоятҳо нисбати баҳси байни шахсони воқеӣ;

- мурочиатҳое, ки ба талаботи моддаҳои 9-12 Қонуни ҶТ «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ҷавобгӯ намебошанд;

- мурочиатҳое, ки тибқи талаботи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи судии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, мурочиатҳои дигар, ки нисбат ба онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари пешниҳод ва баррасӣ пешбинӣ шудааст.

II. Тартиби қабул, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии мурочиатҳо

2.1. Коргузорӣ бо мурочиатҳо алоҳида амалӣ карда мешавад.

2.2. Қабул, коркард ва бақайдгирии мурочиатҳоро Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ (минбаъд – Бахши умумӣ) амалӣ мекунад.

2.3. Бахши умумӣ мурочиатҳоро аз инҳо қабул мекунад:

- бевосита аз шахсони воқеӣ, аз намояндагони ваколатдор ё намояндагони қонунии онҳо, аз ташкилотҳо дар рафти қабули шахсии ВҲИ ва ВҲК, кормандони Дастгоҳи марказӣ, инчунин ба воситаи Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ;

- аз ВҲИ, ВҲК ва кормандони Дастгоҳи марказӣ, Намояндагиҳо ва Қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ, ки дар рафти қабули шахсии сайёр, ташриф, боздид, санҷиш, мониторинг ва вохуриҳо гирифта шудаанд;

- ба воситаи почта, почтаи электронӣ, сомонаи интернетӣ, алоқаи телефонӣ (мобилӣ), факс ва дигар воситаҳои алоқа;

- тавассути ВАО.

2.4. Мурочиатҳоро дар Дастгоҳи марказӣ корманди навбатдор қабул менамояд.

2.5. Мурочиатҳои хаттиро Бахши умумӣ дар Дафтари баҳисобгирии омори мурочиатҳои хаттии шахсони воқеӣ (Замимаи 4) ва Дафтари баҳисобгирии омори мурочиатҳои хаттии шахсони ҳуқуқӣ (Замимаи 5) ба қайд мегирад.

2.6. Мурочиатҳои шифоҳӣ аз ҷониби корманди навбатдор қабул ва дар китоби сабти мурочиатҳои шифоҳӣ ба қайд гирифта мешаванд.

2.7. Мурочиатҳои электронӣ аз ҷониби Бахши умумӣ дар Дафтари баҳисобгирии омори мурочиатҳои электронӣ (Замимаи 6) ба қайд гирифта мешаванд.

2.8. Мурочиатҳои телефонӣ аз ҷониби корманди навбатдор қабул ва дар Дафтари баҳисобгирии омори мурочиатҳо тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) (Замимаи 7) ба қайд гирифта мешаванд.

2.9. Қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро роҳбарият ва кормандони навбатдор тибқи ҷадвалҳои алоҳида, ки мутаносибан аз ҷониби ВҲИ ва Роҳбари Дастгоҳ тасдиқ карда мешаванд, амалӣ менамоянд.

2.10. Кормандони мақомоти ВҲИ дар вақти қабул вазифадоранд, ки муроҷиаткунандаро бодиққат гӯш кунанд ва моҳияти шикоятро маълум намуда, ба қадри имкон фавран хулосаи дахлдор бароранд ва онро бо истинод ба қонунгузорӣ ба муроҷиаткунанда эълон доранд.

2.11. Агар муроҷиаткунанда зимни қабули шахсӣ нисбати шахси мансабдор ё шахси ваколатдоршудае, ки қабули шахсиро анҷом медиҳад муносибати беэҳтиромона зоҳир намуда, ба истифодаи ифодаҳои қабеҳ, таҳқиркунанда, таҳдид ба ҳаёту саломатии ӯ ё аъзои оилааш роҳ диҳад, шахси мансабдор ё шахси ваколатдоршуда ҳуқуқ дорад фавран кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро даъват намояд. Дар мавридҳои зарурӣ барои расондани ёрии тиббӣ табиб даъват карда мешавад.

2.12. Агар дар муроҷиат масъалаҳое гузошта шуда бошанд, ки ҳалли онҳо ба салоҳияти ВҲИ ва ВҲК дохил намешавад, ба муроҷиаткунанда дар хусуси ба кадом мақомот муроҷиат намудан фаҳмонида мешавад.

2.13. ВҲИ ва ВҲК ва кормандони мақомот, ки ба ташриф, боздид, санҷиш, мониторинг ва воҳӯриҳо мераванд, ҳангоми қабули муроҷиат ба муроҷиаткунанда дар бораи қабул кардани муроҷиат забонхат медиҳанд. Нусхаи забонхат якҷоя бо муроҷиати қабулкардашуда ба бахши умумӣ супорида мешавад. Дар мавриди мавҷуд набудани бланка забонхат дастӣ навишта мешавад.

2.14. Ҳангоми қабули шахсии сайёри ВҲИ ва ВҲК номнависии пешакии муроҷиаткунандагонро ташкил кардан мумкин аст. Инчунин ҳангоми қабули шахсии ВҲИ ва ВҲК бо розигии хаттии муроҷиаткунанда мумкин аст воситаҳои техникии махсус ба монанди, сабти видеоӣ, аудиоӣ ё расмгирӣ истифода шаванд.

2.15. Муроҷиатҳоро Бахши умумӣ дар дафтари сабти муроҷиатҳо ва дар низоми баҳисобгирии электронии муроҷиатҳо ба қайд мегирад. Ҳамаи муроҷиатҳои воридшуда, аз ҷумла муроҷиатҳое, ки тибқи қисми 1.9. ҳамин Дастурамал барои баррасӣ қабул карда нашудаанд, ба қайд гирифта мешаванд.

2.16. Ҳамаи лифофаҳо, ба истисноиi муросилоти шахсӣ ва мактубҳо ба суроғаҳои дигар, кушода мешаванд. Дар як вақт бутунии лифофаҳо ва дар онҳо мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо тафтиш карда мешавад. Дар сурати ошкор карда шудани нуқсонҳои лифофа ё дар онҳо мавҷуд набудани муроҷиат ё замимаҳои он санад тартиб дода шуда, дар ин хусус ба шахсе, ки онро фиристодааст, хабар дода мешавад.

2.17. Ба ҳар як муроҷиат рақами бақайдгирӣ (шохис) гузошта шуда, санаи воридшавии он сабт карда мешавад. Шохиси бақайдгирӣ тибқи Таснифоти ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар Замимаи 1 нишон дода шудааст ва он қисми таркибии ҳамин Дастурамал ба шумор меравад, муайян карда мешавад.

2.18. Дар ҳар як соли тақвимӣ рақамҳои тартибии муроҷиатҳои воридшуда аз нав оғоз мегардад.

2.19. Бахши умумӣ дар ҷои холии саҳифаи якуми муроҷиат муҳр (штамп) мегузорад, ки дар он ҳарфи аввали насаби муаллиф, рақами бақайдгирӣ, таърихи рӯз ва шумораи саҳифаҳо навишта мешавад. Худи ҳамин амалҳо барои нусхаи дуюми муроҷиат (ё нусхаи он), ки дар дасти муроҷиаткунанда мемонад, ба шарти пешниҳод карда шудани он ба ҷо оварда мешаванд.

2.20. Ҳангоми гирифтани иловаю тағйиротҳо ба муроҷиатҳо, онҳо дар дафтари муросилоти воридшаванда ва низоми электронии бақайдгирии муроҷиатҳо бо ҳамроҳ кардани индекси «И» ба қайд гирифта мешаванд (Санаи бақайдгирӣ + И/рақами бақайдгирии муроҷиати аввала).

2.21. Муроҷиатҳои такрорӣ аз рӯи тартиби барои муроҷиатҳо муқарраршуда бо ҳамроҳ кардани индекси иловагии «Т» ва бо каср нишон додани рақами тартибии бақайдгирии муроҷиати аввала ба қайд гирифта мешаванд. Муроҷиатҳои такрорӣ ба Варақаи бақайдгирии назоратӣ сабт гардида, илова карда мешаванд. (Санаи бақайдгирӣ + Т/рақами бақайдгирии муроҷиати аввала).

2.22. Муроҷиатҳое, ки ба воситаи ВАО дастрас шудаанд, аз рӯи тартиби барои муроҷиатҳо муқарраршуда бо ҳамроҳ кардани индекси иловагии «ВАО» ба қайд гирифта мешаванд.

2.23. Маълумотномаҳо, хулосаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар оид ба натиҷаҳои баррасии муроҷиатҳо чун ҳуҷҷатҳои таҳияшуда тибқи талаботи коргузорӣ ба қайд гирифта мешаванд.

2.24. Муҳлати нигоҳдории муроҷиатҳо ва маводҳои бо баррасии онҳо алоқаманд тибқи Феҳристи парвандаҳо ва муҳлатҳои нигоҳдории онҳо, ки дар Дастгоҳи ВҲИ амал мекунад, муайян карда мешавад. Дар мавридҳои зарурӣ комиссияи дахлдори Дастгоҳи Ваколатдор метавонад дар бораи дароз намудани мӯҳлати нигоҳдории муроҷиатҳои нисбатан арзишманд ва маводҳои барои баррасии онҳо зарурӣ қарор қабул намояд.

## III. Баррасии муроҷиатҳо

3.1. Бахши умумӣ баъди бақайдгирӣ барои муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба баррасии Ваколатдор пешниҳод карда мешавад, тибқи замимаи 2 Варақаи бақайдгирии назоратӣ мекушояд. Варақаи бақайдгирии назоратӣ дорои реквизитҳои дахлдор мебошанд.

3.2. Варақаи бақайдгирии назоратӣ дар Бахши умумӣ дар тамоми муддати иҷрои муроҷиат нигоҳ дошта мешаванд ва баъди ба охир расидани соли ҳисоботӣ ба бойгонӣ супурда мешаванд.

3.3. Бахши умумӣ дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ инҳоро сабт мекунад:

а) рақами тартибии бақайдгирие, ки дар дафтари бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нишон дода шудааст, сана ва макони воридшавии муроҷиат, миқдори умумии саҳифаҳои муроҷиат, замимаҳои он. Ҳангоми ворид шудани тағйироту иловаҳо ба муроҷиат ва инчунин ворид шудани муроҷиати такрорӣ рақами бақайдгирӣ, сана

ва микдори умумии саҳифаҳои мурочиат ва замимаҳои он сабт карда мешавад.

б) насаб, ном, номи падар / номи ташкилот ё ВАО, суроғаи почтавӣ, рақами телефон, почтаи электронии шахсӣ дар мавридҳои воридшавии мурочиат якчоя бо мактуби ҳамроҳикунанда ё ба воситаи ВАО;

б[1]) номи пурраи шахси ҳуқуқӣ / суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи почтавӣ, рақами телефон, сомонаи интернетӣ, почтаи электронӣ дар мавридҳои воридшавии мурочиат якчоя бо мактуби ҳамроҳикунанда ё ба воситаи ВАО;

в) маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон карда шудаанд (мурочиаткунанда) (насаб, ном, номи падар, ҷои истиқомати доимӣ, муваққатӣ ва / ё суроға барои мукотиба, синну сол, миллат, ҷинс, баромади иҷтимоӣ, ҷои кор, таҳсил, гузаштани хизмати ҳарбӣ ва ғ., шаҳрвандӣ, маълумот дар бораи маҳруми аз озодӣ), инчунин шахсони осебпазир, аз кӣ ворид шуд, воситаи воридшавӣ, маротибаи воридшавӣ сабт карда мешавад. Мурочиат бояд аз ҷониби шахси воқеӣ ё намояндаи ӯ имзо карда шавад;

в[1]) маълумот дар бораи шахси ҳуқуқӣ (номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи почтавӣ, рақами телефон, сомонаи интернетӣ, почтаи электронӣ), аз кӣ ворид шуд, воситаи воридшавӣ, маротибаи воридшавӣ сабт карда мешавад. Мурочиат бояд аз ҷониби шахси мансабдор ё ваколатдоршуда имзо карда шавад;

г) мавзӯи мурочиат (мурочиат нисбати амали / беамалии шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла суд ва прокуратура, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилот, инчунин нисбати санади эътибор пайдонамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла суд ва прокуратура, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ);

д) маълумот дар бораи санади эътибор пайдонамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла суд ва прокуратура, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, номи пурраи санад ва реквизитҳои он, санаи эътибор пайдо намудани санад;

е) маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкунанда: насаб, ном, номи падар, мансаб, номи мақомоти ҳокимияти давлатӣ/худидоракунии маҳаллӣ/ташкилот;

ж) ҳуқуқҳои вайроншуда тибқи Таснифоти тасдиқгардидаи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд.

3.4. Бахши умумӣ мурочиатҳоро баъди воридшавӣ ва ба қайд гирифтан ба ёрдамчии ВҲИ месупорад ва дар ин хусус дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ қайд карда, имзои ёрдамчиро мегирад. Мурочиатҳоеро, ки баррасии фавриро талаб мекунанд, Бахши умумӣ фавран баъди воридшавӣ ва ба қайд гирифта шуданашон ба ёрдамчии ВҲИ месупорад.

3.5. Ёрдамчии ВҲИ мурочиатҳоро ба ВҲИ месупорад ва имзои ӯро бо амрномаи (резолютсияи) «Барои баррасӣ» мегирад. Мурочиатҳое, ки баррасии фавриро талаб мекунанд, баъди воридшавӣ ва ба қайд гирифта шуданашон фавран ба ВҲИ супорида мешаванд. ВҲИ дар кунҷи чапи

болои мурочиат амрномаи «Барои баррасӣ», насаб, ном, номи падари як ё якчанд нафар роҳбарони воҳидҳои сохтории барои иҷрои мурочиатнома масъул ва санаи сабти амрномаро навишта, имзо мегузорад.

3.6. Баъди гирифтани амрномаи ВҲИ мурочиат барои сабт намудани амрнома дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ ва коркарди мурочиат ба Бахши умумӣ супурда мешавад.

IV. Коркарди мурочиатҳо, барои иҷро фиристодан
ва иҷро намудани мурочиатҳо

4.1. Коркарди мурочиатҳои воридшуда аз тарафи Бахши умумӣ ба амал бароварда шуда, аз қайди тобеияти идоравии мурочиати воридшуда дар байни шӯъбаҳо/бахшҳои Дастгоҳ, муҳлати иҷро ва сабти маълумоти мазкур дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ иборат мебошад.

4.2. Коркарди мурочиатҳои воридшуда ва ба роҳбари шӯъба/бахши масъул барои баррасӣ фиристодани мурочиат баъди ба имзо расидани амрномаи ВҲИ ба амал бароварда мешавад.

4.3. Корманди Бахши умумӣ дар гӯшаи «Барои баррасӣ»-и Варақаи бақайдгирии назоратӣ насаб, ном, номи падари як ё якчанд роҳбари шуъба/бахшро, ки барои баррасии мурочиат масъул мебошанд, инчунин муҳлати баррасии мурочиатро дар қисми «дар муҳлати то» менависад.

4.4. Муҳлати баррасии мурочиат на зиёда аз понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шудани он мебошад. Агар барои баррасии мурочиат аз дигар мақомот, ташкилотҳо, шаҳрвандон, аз ҷумла худи мурочиаткунанда гирифтани маълумоти иловагӣ лозим шавад, дар ин ҳолат муҳлати баррасии мурочиат сӣ  рӯз мебошад.

4.5. Мурочиатҳое, ки баррасии фавриро талаб мекунанд, барои баррасӣ дар давоми рӯз бо нишон додани вақти анҷоми баррасии мурочиат ба шахси масъул супорида мешаванд. Муҳлати баррасии ин гуна мурочиатҳо дароз карда намешаванд.

4.6. Дар мавридҳое, ки барои баррасӣ ва ҳалли мурочиат гузарондани санҷишҳои мураккаб, талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ва дидани чораҳои дигар зарур мешавад, ВҲИ метавонад муҳлати баррасии мурочиатро ба муддати на зиёдтар аз сӣ  рӯз тамдид намояд. Роҳбари сохтори масъул дар бораи дароз намудани муҳлати баррасӣ дар мувофиқа бо Роҳбари Дастгоҳ ба номи ВҲИ гузориш пешниҳод карда, дар он муҳлати тамдид ва сабабҳои тамдидро нишон медиҳад. ВҲИ дар бораи дароз намудани муҳлат дар шакли амрнома қарор қабул карда, маводро ба Бахши умумӣ мефиристад. Дар ин хусус ба мурочиаткунанда дар муҳлати се рӯз хабар дода мешавад.

4.7. Мурочиати хаттие, ки дар он масъалаҳои ба салоҳияти ВҲИ ва ВҲК мансубнабуда ифода шудаанд, дар давоми се рӯз аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш тибқи мансубияташон ба мақомоти дахлдор фиристода мешаванд. Дар ин хусус мурочиаткунанда ба таври хаттӣ огоҳ карда мешавад.

4.8. Дар сутуни «дар муҳлати то» корманди Бахши умумӣ санаи тақвимиеро, ки то фаро расидани он бояд иҷрои муроҷиат анҷом дода шавад, сабт мекунад.

4.9. Саршавии муҳлати баррасии муроҷиатҳое, ки ба Дастгоҳи ВҲИ ворид шудаанд, рӯзи ба қайд гирифта шуданаш ҳисоб карда мешавад. Муҳлати анҷоми баррасӣ санаи фиристода шудани ҷавоби хаттӣ ё додани иттилои шифоҳӣ ва баён намудани қарори қабулшуда оид ба муроҷиат ҳисоб карда мешавад.

4.10. Бахши умумӣ баъди навиштани муҳлати баррасӣ муроҷиатро ба роҳбари шуъба/бахш барои баррасии муроҷиат масъулбуда, ки аз тарафи ВҲИ муайян карда мешавад, супорида, дар ин хусус дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ  қайд менамояд ва ба он шахси масъул имзо мегузорад. Агар ВҲИ якчанд роҳбарони шуъба/бахшро ҳамчун шахсони масъул таъин намояд, он гоҳ муроҷиат ба шахсе, ки дар сутуни «Барои баррасӣ» якум нишон дода шудааст, супорида мешавад. Бахши умумӣ шахсони дигари масъулро дар бораи супоридани муроҷиат огоҳ сохта, ба онҳо нусхаи муроҷиатро месупорад ва дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ ном, насаб, номи падар, имзои онҳо ва санаи гирифтани нусхаи муроҷиатро сабт мекунад.

4.11. Роҳбари шуъба/бахш дар кунҷи чапи болои муроҷиат амрномаи «Тибқи дастур» менависад ва насаб, ном, номи падари як ё якчанд корманди барои баррасии муроҷиат масъули шуъба/бахш, муҳлати баррасӣ ва санаи сабти амрномаро навишта, ба он имзо мегузорад. Айнан ҳамин гуна амалро дар нусхаи муроҷиат шахсони дигари масъуле, ки ВҲИ таъин намудааст, ба ҷо меоранд.

4.12. Баъди амрномаи «Тибқи дастур» ва навиштани муҳлати баррасӣ сардори шӯъба дар ин бора ба Бахши умумӣ иттилоъ медиҳад. Бахши умумӣ айнан ҳамин гуна маълумотҳоро дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ сабт менамояд.

4.13. Аз лаҳзаи барои баррасӣ супоридан  муроҷиат якҷоя бо ҳамаи маводҳо дар тамоми муҳлати баррасии муроҷиат дар шуъбаи/бахши барои баррасии муроҷиат масъулбуда нигоҳ дошта мешаванд. Баъди ба охир расидани соли ҳисоботӣ онҳо ба бойгонӣ супорида мешаванд. Дар сурати таъин гардидани якчанд шахси масъул муроҷиат бо ҳамаи маводҳои дигар дар шуъбаи/бахши масъуле нигоҳ дошта мешавад, ки ному насаби роҳбари он дар гӯшаи «Барои баррасӣ»-и Варақа якум навишта шудааст. Шахси масъул ва роҳбари ин шуъба/бахш барои нигоҳдории ҳамаи маводҳо шахсан масъул мебошанд.

4.14. Дар мавридҳои аз тарафи кормандони шуъба/бахш маълум карда шудани зарурати баррасии парванда аз ҷониби шуъбаи/бахши дигар, муқаррар карда шудани далели он, ки муроҷиати воридшуда бо ин ё он сабаб аз тарафи ВҲИ баррасӣ карда намешавад ё иҷрои он имконнопазир мебошад, корманди шуъба/бахш ба таври хаттӣ бо навиштани ҳамаи сабабҳо ба роҳбари шуъба/бахш гузориши хаттӣ медиҳад. Роҳбари шуъба/бахш тибқи далелҳои овардаи корманди шуъба/бахш тасмим мегирад, ин далелҳоро рад менамояд ё қарори худро

қабул карда, пешниҳоди дахлдорро дар мувофиқа бо Роҳбари Дастгоҳ ба ВҲИ ирсол менамояд. ВҲИ пешниҳодро баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул менамояд.

4.15. Муроҷиатро шуъба/бахш дар давоми рӯзи корӣ барои баррасӣ қабул менамояд. Баъди гузаштани 24 соат аз лаҳзаи ба роҳбари шуъба/бахш расидани муроҷиат он барои баррасӣ қабулшуда ҳисоб меёбад ва барои баррасӣ кардан ба шуъба/бахши дигар дода намешавад.

4.16. Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо, ки муроҷиаткунандагон нисбати онҳо шикоят кардаанд, барои баррасӣ фиристодани муроҷиатҳо манъ аст.

4.17. Дар рафти баррасии муроҷиат роҳбарони шуъба/бахш амали ВҲИ-ро, ки шуъба/бахш тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобаста ба баррасии муроҷиат пешниҳод менамояд, дар санади дахлдор (хулоса, мактуб ва дигарҳо) нишон медиҳад.

4.18. ВҲИ ҳуқуқ дорад оид ба масъалаҳои баррасии шикоят тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мақомоти дигар муроҷиат намояд. Роҳбарони ин мақомот вазифадоранд ба ВҲИ маводу ҳуҷҷатҳои дархостшударо ба таври ройгон ва бемонеа пешниҳод намоянд, маслиҳати тахассусӣ диҳанд ва дигар кӯмакҳоро расонанд.

4.19. Маводу ҳуҷҷат ва маълумотҳои дигари дархостшуда бояд ба ВҲИ ва ВҲК на дертар аз 15 рӯз аз рӯзи гирифтани дархост фиристода шаванд, агар дар худи дархост муҳлати дигар муқаррар нашуда бошад.

4.20. Амалҳои пешниҳодкардаи ВҲИ ва ВҲК оид ба муроҷиатҳое, ки мавриди гуфтугузори аҳли ҷомеа гардидаанд, захираҳои калони молиявӣ ва инсониро талаб менамоянд, бевосита зери назорати ВҲИ ва ВҲК қарор гирифта, инчунин бевосита худи ВҲИ ва ВҲК ба амал мебарорад, ВҲИ ва ВҲК шахсан тасдиқ менамоянд.

4.21. Кормандони мақомот ҳангоми баррасии муроҷиатҳо вазифадоранд:

а) ба моҳияти муроҷиат сари вақт шинос шаванд, дар мавридҳои зарурӣ ҳуҷҷатҳои даркориро талаб кунанд, кормандонро барои санҷиш ба ҷойҳое, ки дар муроҷиат нишон дода шудаанд, фиристанд, бо мақсади холисона баррасӣ намудани муроҷиатҳои воридшуда чораҳои зарурӣ андешанд;

б) муроҷиатро, аз ҷумла дар якҷоягӣ бо дигар мақомот санҷида, аз шахсони мансабдор ва дигар шахсон баёнот гиранд ва дигар амалҳоро анҷом диҳанд;

в) дар доираи салоҳияти худ оид ба муроҷиатҳо қарорҳои қонунӣ ва асоснок таҳия намоянд ва баррасии саривақтии онҳоро таъмин кунанд;

г) ба шаҳрвандон дар бораи қарорҳое, ки аз рӯи муроҷиати онҳо қабул карда шудаанд, иттилоот тайёр кунанд, сабабҳои барои баррасӣ қабул нашудани муроҷиатҳоро бо далелҳо фаҳмонанд;

д) ҳар моҳ оид ба муроҷиатҳо ҳисоботҳои таҳлилӣ тайёр намоянд.

4.22. Аз ҷониби иҷрокунандагон ҳангоми баррасии муроҷиат бидуни розигии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ифшо намудани маълумоти дар муроҷиат зикргардида инчунин, маълумоти ба ҳаёти шахсӣ ва (ё) фаъолияти шахси ҳуқуқӣ алоқаманд манъ аст.

4.23. Агар оид ба муроҷиатҳое, ки якчанд маротиба аз номи худи ҳамон як шахс ва оид ба ҳамон як масъала ворид гардидаанд, санҷишҳо гузаронда, қарорҳои асоснок қабул намуда, дар ин хусус ба муаллифи муроҷиат хабар дода шуда бошад, ВҲИ метавонад дар бораи минбаъд қатъ намудани санҷишҳо аз рӯи чунин муроҷиат қарор қабул кунад. Дар ин маврид ба муаллиф иттилои хаттӣ дода мешавад.

Дар мавриди пешниҳод гардидани далелҳои нав (иловагӣ) ба муроҷиатҳои мазкур оид ба онҳо аз рӯи тартиби муқарраршуда санҷиш гузаронида мешаванд.

4.24. Фиристодани корманди (кормандони) мақомот ҳангоми баррасии муроҷиат барои гузарондани санҷиш бо мувофиқаи шахсоне, ки аз рӯи тобеият дар баррасии муроҷиат иштирок мекунанд, ба амал бароварда мешавад.

4.25. Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои содиршавандаро корманди шуъба/бахш тартиб медиҳад. Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои содиршаванда то имзо гардиданашон бо ҳамаи шахсоне, ки дар баррасии муроҷиат аз рӯи тартиби тобеияташон иштирок мекунанд, мувофиқа карда шуда, дар нусхаи дуюми ҳуҷҷат, ки ба ягон ҷо фиристода намешавад, имзо ва таърихи рӯз гузошта мешавад. Ному насаб ва телефони иҷрокунандаи бевоситаи муроҷиат дар қисми чапи поёни саҳифаи охирини ҳарду нусхаи ҳуҷҷат сабт карда мешавад.

4.26. Баррасии муроҷиат аз тарафи роҳбари шуъба/бахш, риояи муҳлати иҷро аз тарафи Бахши умумӣ, инчунин аз тарафи Роҳбари Дастгоҳи ВҲИ зери назорат гирифта мешавад.

4.27. Баррасии муроҷиат, амалҳое, ки барои баррасии муроҷиат ба ҷо оварда мешаванд ва натиҷаҳои ин амалҳо (ҳуқуқу озодиҳои асосии вайроншудаи инсон барқарор карда шуданд ё не, шахсони мансабдор ва/ё мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилоти гунаҳкор чи гуна ба ҷавобгарӣ кашида шуданд) дар маълумотнома оид ба корҳои анҷомдодашуда қайд карда шуда, баъди мувофиқа бо Роҳбари Дастгоҳ Бахши умумӣ дар Варақаи бақайдгирии назоратӣ қайдҳои дахлдорро ворид мекунад.

4.28. Дар ҷамъбасти баррасии муроҷиат корманди баррасикунандаи шуъба/бахш ба муроҷиаткунанда бо нишон додани тамоми иттилооти зарурӣ мактуб тартиб дода, бо роҳбари бевосита мувофиқа намуда, барои имзо ба ВҲИ ва ВҲК пешниҳод мекунад.

4.29. Баррасии муроҷиат дар маълумотнома оид ба корҳои анҷомдодашуда, ки тибқи Замимаи 3 ҳамин Дастурамал тартиб дода мешавад, сабт карда мешавад.

4.30. Ҷавоб ба муаллифи муроҷиат дар бланкаи ВҲИ ва ВҲК тайёр карда шуда, таҳти рақами содира ва бақайдгирии муроҷиат фиристода мешавад.

Ҷавоб ба мурочиати дастҷамъона ба номи шахси якуми ба мурочиат имзогузошта (агар дар мактуб ба шахси мушаххас фиристодани он таъкид нашуда бошад) ё дар мавридҳои алоҳида ба ҳар кадоме аз шахсони ба мурочиат имзокарда фиристода мешавад.

Агар ба муаллиф ба таври шифоҳӣ ҷавоб дода шавад, он гоҳ маълумотнома тартиб дода шуда, дар он нишон дода мешавад, ки кӣ, кай ва дар кадом шакл ҷавоб дод, инчунин мазмуни ҷавоб баён карда мешавад.

Ҷавоб ба муаллифи мурочиате, ки дар хориҷи мамлакат зиндагӣ мекунад, аз рӯи тартиби муқарраршуда бо назардошти шартномаҳо ва созишномаҳои мавҷудаи эътирофгардидаи Тоҷикистон фиристода мешавад.

4.31. Мурочиатҳо ҳалшуда ҳисоб мешаванд, агар ҳамаи масъалаҳои дар онҳо гузошташуда баррасӣ ва ҳаллу фасл гардида, аз рӯи онҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда, ба муаллифон ҷавобҳо фиристода шуда бошанд.

4.32. Дар мавридҳои ошкор гардидани вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон, шахси масъул лоиҳаи хулосаи ВҲИ ва ВҲК-ро аз рӯи мурочиат тартиб медиҳад ва баъди мувофиқа бо роҳбари шуъба/бахш ва Роҳбари Дастгоҳ он барои баррасӣ ба ВҲИ ва ВҲК пешниҳод карда мешавад. ВҲИ ва ВҲК баъди омӯхтани лоиҳаи хулоса метавонад хулосаро имзо намояд ё лоиҳаи хулосаро барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта баргардонад ва ё лоиҳаи хулосаро рад кунад. Хулосаи ВҲИ ва ВҲК ба Бахши умумӣ барои бақайдгирӣ ва ба шуъбаи/бахши дахлдор барои назорати иҷро фиристода мешавад.

## V. Санҷиши вазъияти кор бо мурочиатҳо ва назорати иҷрои супоришҳо нисбат ба онҳо.

5.1. ВҲИ ба риояи тартиби баррасӣ ва ҳаллу фасли мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо қонунгузорӣ ва ҳамин Дастурамал муқаррар гардидааст, ба таври умумӣ назорат мекунад.

5.2. Назорати бевосита ба рафти баррасии шикоятҳо аз тарафи Бахши умумӣ ба амал бароварда мешавад. Роҳбарони шуъба/бахшҳо ҳангоми зарурат лоиҳаи ҳуҷҷатҳоро ислоҳ менамоянд ва ба ҳуҷҷатҳое, ки барои имзо ба ВҲИ ва ВҲК пешниҳод мешаванд, дар нусхаи онҳо розигии худро бо имзо ифода менамоянд.

5.3. Кормандони Бахши умумӣ ҳангоми амалӣ намудани назорат ҳуқуқ доранд:

а) аз шахсони масъул ва роҳбарони бевоситаи онҳо маълумотҳои заруриро дар бораи рафти иҷрои супоришҳо дархост намоянд;

б) аз рӯи тартиби муқарраршуда бо маводҳое, ки вазъи иҷрои супоришҳоро инъикос менамоянд, шинос шавад;

в) аз шахсони масъул дар бораи сабабҳои дер иҷро гардидани супоришҳо маълумотнома талаб намояд;

г) ба роҳбарони дахлдор оид ба бартараф кардани камбудиҳо дар иҷрои супоришҳо ва беҳтар намудани ташкили назорат таклифҳо пешниҳод кунад.

5.4. Вазъи кор бо мурочиатҳо дар ҳисоботи солона оид ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон инъикос карда мешавад.

5.5. Маълумотҳои дар мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дарчёфта ҳар моҳ аз тарафи кормандони шуъба/бахшҳо омӯхта, ҷамъбаст карда мешаванд.

5.6. Роҳбарони шуъба/бахшҳо дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки шуъба/бахш баррасӣ намудааст, оид ба қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқҳо тавсияҳо таҳия намуда, ҳисоботҳои семоҳаи якҷояи таҳлилӣ тайёр мекунанд.

5.7. Шуъбаи ташкилӣ, иттилоотӣ ва таҳлилӣ ҳар се моҳ аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ВҲИ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳисоботи умумӣ тартиб медиҳад.

## VI. Муқаррароти хотимавӣ

6.1. Баъди анҷом ёфтани кор ва аз назорат баровардани мурочиат шахси масъул (шахси масъули асосӣ) дар варақаи бақайдгирии назоратӣ ному насаби худ ва санаи аз назорат гирифтанро навишта, имзо мегузорад.

6.2. Бахши умумӣ дар ҳамаи зинаҳо маълумотҳоро дар варақаи бақайдгирии назоратӣ сабт менамояд.

6.3. Баъди анҷом ёфтани иҷрои мурочиат ва ба охир расидани соли ҳисоботӣ мурочиат бо ҳамаи маводҳо ба бойгонӣ супорида мешавад.

6.4. Мудири бахши умумӣ баробари гирифтани мурочиат ва ҳамаи маводҳо ба сутуни «Санаи ба бойгонӣ супоридан»-и варақаи бақайдгирии назоратӣ қайд гузошта, микдори саҳифаҳо ва ному насаби худро навишта, имзо мегузорад.

Замимаи 1
ба Дастурамали тартиби
баррасии мурочиатҳои
шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар
мақомоти Ваколатдор оид ба
ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии
Тоҷикистон

# ТАСНИФОТИ
## мурочиатҳо оид ба ҳуқуқҳои ҷудогонаи инсон ва озодиҳои асосӣ, инчунин оид ба гурӯҳҳои алоҳидаи одамон[1]

I. Ҳуқуқҳои ҷудогонаи инсон ва озодиҳои асосӣ

| № | Рамзи шуъба | Ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ | Категорияи ҳуқуқи инсон | Рамзи ҳуқуқ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | №02\3 | Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озодӣ аз шиканҷа, муомила ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф | Шаҳрвандӣ | Ш01 |
| 2 | №02\3 | Ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ ва ҳимоя | Шаҳрвандӣ | Ш02 |
| 3 | №02\3 | Ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди ҷойи зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он | Шаҳрвандӣ | Ш03 |
| 4 | №02\3 | Ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ (хусусӣ) ва оилавӣ (дахлнопазирии манзил ва мукотиба) | Шаҳрвандӣ | Ш04 |
| 5 | №02\3 | Ҳуқуқ ба озодии эътиқод ва иттиҳодияҳои динӣ | Сиёсӣ | С01 |
| 6 | №02\3 | Дастрасӣ ба иттилоот ва Интернет, озодии ибрози ақида ва ВАО | Сиёсӣ | С02 |
| 7 | №02\3 | Ҳуқуқи муттаҳид шудан ва озодии роҳпаймоиҳои осоишта | Сиёсӣ | С03 |
| 8 | №02\3 | Ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ, иштирок дар идораи давлат, ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб кардан | Сиёсӣ | С04 |
| 9 | №02\3 | Ҳуқуқ ба мурочиат | Сиёсӣ | С05 |
| 10 | №02\3 | Ҳуқуқҳои дигари шаҳрвандӣ ва сиёсӣ | Шаҳрвандӣ/ сиёсӣ | ДШС |
| 11 | №02\2 | Ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити одилонаи меҳнат ва истироҳат, ҳуқуқ ба ҳифзи | Иқтисодӣ | Иқ01 |

[1] Таснифоти мазкур қатъӣ ва охирин нест, ба он ҳангоми зарурат иловаҳо ворид кардан мумкин аст.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | меҳнат. Ҳуқуқ ба ташкил ва иштирок дар фаъолияти иттифоқҳои касаба | | |
| 12 | №02\2 | Ҳуқуқ ба манзил | Иқтисодӣ | Иқ02 |
| 13 | №02\2 | Ҳуқуқ ба моликият ва мерос | Иқтисодӣ | Иқ03 |
| 14 | №02\2 | Ҳуқуқ ба замин ва дигар захираҳои табиӣ | Иқтисодӣ | Иқ04 |
| 15 | №02\2 | Ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ (об, хӯрок) | Иқтисодӣ | Иқ05 |
| 16 | №02\2 | Ҳуқуқ ба фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ | Иқтисодӣ | Иқ06 |
| 17 | №02\2 | Ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (нафақа, кӯмакпулӣ, стипендия) ва суғуртаи иҷтимоӣ. Ҳуқуқи иқтисодию иҷтимоии шахсони имтиёздошта | Иҷтимоӣ | Иҷ01 |
| 18 | №02\2 | Ҳуқуқ ба саломатӣ ва ёрии тиббӣ | Иҷтимоӣ | Иҷ02 |
| 19 | №02\2 | Ҳуқуқ ба ташкил ва ҳифзи оила. Баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила | Иҷтимоӣ | Иҷ03 |
| 20 | №02\2 | Ҳуқуқ ба таҳсил | Фарҳангӣ | Ф01 |
| 21 | №02\2 | Ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, илм ва санъат. Ҳуқуқи истифода аз дастовардҳои илм ва техника. Ҳуқуқи муаллифӣ | Фарҳангӣ | Ф02 |
| 22 | №02\2 | Ҳуқуқ ба муҳити зисти солим | Экологӣ | Э01 |
| 23 | №02\2 | Ҳуқуқҳои дигари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ | Иқтисодӣ/иҷтимоӣ/фарҳангӣ | ДИИФ |
| 24 | №02/4 | Ҳуқуқ ба фардият (ном, шаҳрвандӣ, робитаҳои хешутаборӣ) | Кӯдак | К01 |
| 25 | №02/4 | Ҳуқуқ ба саломатӣ | Кӯдак | К02 |
| 26 | №02/4 | Ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷ тимоӣ | Кӯдак | К03 |
| 27 | №02/4 | Ҳуқуқ ба таҳсил | Кӯдак | К04 |
| 28 | №02/4 | Ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ , илм ва санъат | Кӯдак | К05 |
| 29 | №02/4 | Ҳуқуқ ба озодии ақида, эътиқод ва дин | Кӯдак | К06 |
| 30 | №02/4 | Ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ , озод будан аз шиканҷ а, аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ | Кӯдак | К07 |
| 31 | №02/4 | Ҳуқуқи озод будан аз ҳамаи шаклҳои истисмор | Кӯдак | К08 |
| 32 | №02/4 | Ҳуқуқҳои дигари кӯдак | Кӯдак | К |

## II. Гурӯҳҳои алоҳидаи одамон

| № | Гурӯҳҳо | Рамзи шуъба | Рамз |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳуқуқҳои инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (дастгиркунии худсарона ва ғайриқонунӣ, озодӣ аз шиканҷа ва муомилаҳои дигари бераҳмона, ҳуқуқи инсон ҳангоми гузарондани тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ) | №02\3 | Гр01 |
| 2. | Ҳуқуқҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшуда (муассисаҳои ислоҳӣ, муассисаҳои психиатрӣ ва ғ.) | №02\3 | Гр02 |
| 3. | Гурезагон, шахсони бешаҳрванд, шаҳрвандони хориҷӣ, савдои одамон | №02\3 | Гр03 |
| 4 | Хизматчиёни ҳарбӣ, ҳуқуқҳои инсон ҳангоми даъватшавӣ ба хизмати ҳарбӣ | №02\3 | Гр04 |
| 5 | Ҳуқуқи шахсоне, ки ба ақаллиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва дигар ақаллиятҳо мансубанд | №02\3 | Гр05 |
| 6 | Ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо | №02\2 | Гр06 |
| 7 | Ҳуқуқи шахсони имкониятҳои ҷисмонӣ ва рӯҳиашон маҳдуд | №02\2 | Гр07 |
| 8 | Ҳуқуқи истеъмолкунандагони маводи мухаддир, шахсони гирифтори ВИЧ ва дигар гурӯҳҳои осебпазир | №02\2 | Гр08 |
| 9 | Ҳуқуқи кӯдакони аққалиятҳои миллӣ; | №02\4 | Гр09 |
| 10 | Ҳуқуқи кӯдакони аз озодӣ маҳрумшуда; | №02\4 | Гр10 |
| 11 | Ҳуқуқҳои фарзандони муҳоҷ ирони меҳнатӣ , | №02\4 | Гр11 |
| 12 | Ҳуқуқи кӯдакони маъюб | №02\4 | Гр12 |
| 13 | Ҳуқуқи кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда | №02\4 | Гр13 |
| 14 | Ҳуқуқи кӯдакони гуреза | №02\4 | Гр14 |

## III. Тақсими категорияҳои парвандаҳо ба шуъбаҳо

Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ муроҷиатҳоеро, ки ба ҳуқуқҳои пешбининамудаи рамзҳои Ш01, Ш02, Ш03, Ш04, С01, С02, С03, С04, С05, ДШС инчунин, гуруҳҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ (хусусӣ) ва сиёсӣ, ки ба рамзҳои Гр01, Гр02, Гр03, Гр04, Гр05 дахл дорад, баррасӣ менамояд.

Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мурорҷиатҳоеро, ки ба ҳуқуқҳои пешбининамудаи рамзҳои Иқ01, Иқ02, Иқ03, Иқ04, Иқ05, Иқ06, Иҷ01, Иҷ02, Иҷ03, Ф01, Ф02, Э01, ДИИФ инчунин, гуруҳҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки ба рамзҳои Гр06, Гр07, Гр08 дахл дорад, баррасӣ менамояд.

Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак муроҷиатҳоеро, ки ба ҳуқуқҳои пешбининамудаи рамзҳои К01, К02, К03, К04, К05, К06, К07, К08, К инчунин, гурӯҳҳои алоҳидаи кӯдакон, ки ба рамзҳои Гр09, Гр10, Гр11, Гр12, Гр13, Гр14 дахл дорад, баррасӣ менамояд.

Дар ҳар як шӯъба махсусгардонии кормандони шӯъба аз рӯи кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон пешбинӣ карда мешавад. Махсусгардонӣ аз рӯи гурӯҳҳои ҳуқуқҳо (масалан, озодиҳои асосӣ, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ), инчунин аз рӯи ҳуқуқҳои гурӯҳҳои алоҳидаи одамон (ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, маҳбусон, ҳуқуқҳои кӯдак ва диг.) ба амал бароварда мешавад.

IV. Кор бо таснифот

Корманди навбатдор ё корманди бахши умумӣ ҳангоми ба қайд гирифтани муроҷиати шаҳрвандон ба он рақами бақайдгирӣ (рамз) гузошта, сана ва соати воридшавиро менависад. Рамзи бақайдгирӣ тибқи ҳамин Таснифот муайян карда мешавад. Корманди навбатдор категорияҳои ҳуқуқҳои инсон ё гурӯҳи одамонро муайян карда, ба муроҷиат рамзи бақайдгирӣ мегузорад. Дар мавриди ба вуҷуд омадани шубҳа (мураккаб будани парванда) ҳангоми ба муроҷиат гузоштани рамзи бақайдгирӣ корманди навбатдор барои шарҳу тавзеҳ (ёрӣ) ба роҳбари бахш муроҷиат менамояд.

Ҳангоми гузоштани рамз корманди навбатдор мураккабии парванда ва афзалиятҳоро муайян менамояд. Масалан, агар шахс фақат аз дастгиркунии ғайриқонунӣ ё худсарона шикоят кунад, пас ба муроҷиат рамзи Ш01 дода мешавад (ҳуқуқ барои озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ). Агар шахс аз вайрон карда шудани гурӯҳи ҳуқуқҳои инсон, масалан ҳангоми дастгиркунӣ ва тафтишот (дастгиркунии ғайриқонунӣ, надодани имкони робита бо адвокат, муомилаи бераҳмона, шиканҷа ва ғ.) шикоят кунад, пас ба муроҷиат рамзи Гр01 дода мешавад.

Агар дар муроҷиат гурӯҳи ҳуқуқҳое вуҷуд дошта бошад, ки чун гурӯҳи алоҳида муайян нагардидаанд, пас рамзи бақайдгирӣ аз рӯи маҷмӯи гурӯҳҳои вайроншудаи инсон муайян карда мешавад. Масалан, агар шахс аз вайрон карда шудани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва ҳуқуқи интихоботӣ ва интихобшавӣ шикоят карда бошад, пас рамзи бақайдгирӣ чун С02 С04 муайян карда мешавад.

Тибқи қоидаи умумӣ муроҷиат (парванда) барои баррасӣ ба ҳамон шӯъбае ирсол карда мешавад, ки бо ин гурӯҳи ҳуқуқҳои инсон кор мекунад. Агар муроҷиат гурӯҳи ҳуқуқҳоеро дар бар гирад, ки баррасии онҳо ба салоҳияти шӯъбаҳои гуногун дохил мешавад, он гоҳ муроҷиат ба шӯъбаҳои гуногун дода шуда, тибқи бандҳои 4.11., 4.12., 4.15 ҳамин Дастурамал шахсони мутасаддӣ таъин карда мешаванд.

Замимаи 2
ба Дастурамали тартиби баррасии
мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва
ҳуқуқӣ дар
мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи
инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ШАКЛИ ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ НАЗОРАТӢ**

**0229140 варақаи бақайдгирии назоратӣ**

**Мурочиаткунанда**
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________
______________________________________________________________
______________

**(насаб, ном ва номи падар, суроға, телефон)**

**Ҷинс**
______________________________________________________________
_________

**Ҷои истиқомат/ҷойгиршавӣ**
______________________________________________________
______________________________________________________________
______________

**Барои мукотиба (суроға, телефон, почтаи электронӣ)**
________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
_________________________________________

**Мурочиати пештара № _________________________ аз №**
__________________________

**Намуди мурочиат**

________________________________________________________________________

**Шумораи варақҳо**

________________________________________________________________________

**Муаллиф, сана, шохиси мактуби ҳамроҳ фиристодашаванда**

____________________________

___________________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

________________________________

**Сана, шохиси воридшавӣ**

_________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

________________

**Мазмуни мухтасар**

_______________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

________________________________________________

**Иҷрокунандаи масъул**

_____________________________________________________________________

**Амри хаттӣ**

___________________________________________________________________________

___

**Муаллифи амри хаттӣ**

____________________________________________________________________

**Муҳлати иҷро**

___________________________________________________________________________

_

**Санаи ба иҷро додан**

______________________________________________________________________

**Иҷрокунанда**

**Қайд дар бораи ҷавоби пешакӣ ё пурсиши иловагӣ**

**Қайдҳои тафтишӣ**

**Сана, шохиси иҷро (ҷавоб)**

**Гиранда**

**Мазмун**

**Аз назорат гирифта шуд**

**Имзои назораткунада**

**Парванда**

**Ҷилди**

**Вараҷи**

**Хазинаи рӯйхати парвандаи**

**Эзоҳ**

Замимаи 3
ба Дастурамали тартиби
баррасии мурочиатҳои
шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ
дар мақомоти Ваколатдор оид
ба ҳуқуқи инсон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маълумотнома оид ба корҳои иҷрокардашуда**

**1) Моҳияти масъала:**
ҳуқуқу озодиҳои вайронкардашуда:

____________________________________________________________

____________________________________________________________

мақомот, ному насаби шахси мансабдоре, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро вайрон кардааст:

____________________________________________________________

____________________________________________________________

амал (беамалие), ки аз вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд:

____________________________________________________________ –

____________________________________________________________

**2) Амалҳои иҷрошуда нисбати мурочиат:**

____________________________________________________________

____________________________________________________________

**3) Мусоидат ба мурочиаткунандагон ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда:**

____________________________________________________________

____________________________________________________________

**4) Қарори қабулшуда нисбати мурочиатҳо:**

____________________________________________________________

____________________________________________________________

**5) Хабардор намудани мурочиаткунанда оид ба натиҷаи баррасии мурочиат:**

____________________________________________________________

____________________________________________________________

**6) Тавсияхо:**
оид ба вазъи баамаломадаи вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои
инсон ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ:

____________________________________________________________

____________________________________________________________

оид ба пешгирӣ намудани вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ:

____________________________________________________________

____________________________________________________________

**7) Пешниҳоди хулоса оид ба мурочиат ба мақомоти/**

**шахси мансабдори дахлдор:**

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

**8) Натиҷаи баррасии хулоса аз ҷониби мақомоти/шахси мансабдори дахлдор:**

ҳуқуқу озодиҳои асосии вайроншудаи инсон ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ барқарор шудаанд ё не?

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилоти гунаҳкор ба ҷавобгарӣ кашида шуданд:

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

Сана:
Иҷрокунанда:
Роҳбари шуъба/бахш:

Замимаи 4
ба Дастурамали тартиби баррасии
муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар
мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи
инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДАФТАРИ
# БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

| Рақами тартибӣ | Сана воридшавӣ | Насаб, ном ва номи падар | Суроғаи маҳалли истиқомат | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи 5
ба Дастурамали тартиби баррасии
муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар
мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи
инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДАФТАРИ
# БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

| Рақами тартибӣ | Сана ва рақами воридшавӣ | Номи пурра | Суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ | Сана ва рақами содиротӣ | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи 6
ба Дастурамали тартиби баррасии
муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар
мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи
инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДАФТАРИ
# БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

| Рақами тартибӣ | Сана ва рақами воридшавӣ | Насаб ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқӣ | Суроғаи почтаи электронии муроҷиаткунанда | Муҳтавои муроҷиат | Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Сана ва рақами содирот тавассути кадом почтаи электронӣ | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи 7
ба Дастурамали тартиби баррасии
муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар
мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи
инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ДАФТАРИ
# БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ МУРОҶИАТҲО ТАВАССУТИ АЛОҚАИ ТЕЛЕФОНӢ (МОБИЛӢ)

| Рақами тартибӣ | Рақами телефони муроҷиаткунанда | Насаб ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқии муроҷиаткунанда | Суроғаи маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ва маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ | Муҳтавои муроҷиат | Суроғаи почтаи электронӣ | Ба кучо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд | Натиҷаи баррасӣ | Сана ва рақами содирот, рақами телефон | Қайд дар бораи муроҷиати такрорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |